Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 153 (4736) | ҶУМЪА, 22 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ИФТИТОҲИ ДУ ИНШООТ ВА ШИНОСОӢ БО НАҚШАИ СОХТМОНИ БИНОИ СЕ ВАЗОРАТ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**22-юми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Шевченкои пойтахт бинои нави Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Иншооти тозабунёд аз 13 ошёна ва таҳхона иборат буда, дар он ҳуҷраҳои кории роҳбарият, раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, як қатор марказҳои тиббию тандурустии ҷумҳуриявӣ, лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту муассисаҳои зерсохтори вазорат, ки қаблан дар дигар ҷойҳо фаъолият доштанд, ҷойгир карда шудаанд.

Аснои боздид аз шароит ва имконоти муҳайёгардида дар иншооти навбунёд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонии он баҳои баланд доданд.

Дар Маркази рақамикунонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ, ки дар ошёнаи дуюми бинои тозабунёди маъмурии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷараёни таълими як қатор табибони мамлакат, ки дар хориҷи мамлакат қарор доранд, тариқи маҷозӣ (онлайнӣ) шинос шуда, бо онҳо суҳбати самимию созанда доир карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз табибони ҷавони мамлакат, ки дар хориҷ донишу таҷриба меомӯзанд, даъват ба амал оварданд, ки аз шароиту имкониятҳои мусоид самаранок истифода бурда, илмҳои муосирро омӯзанд ва ба Ватан баргашта, бар нафъи давлату миллати хеш содиқона хизмат намоянд.

Дар маркази номбурда, ҳамзамон, бахши рақамикунонӣ, толори телетиб, толори машварат ва дигар бахшҳо ҷой дода шуда, барномасозону мутахассисони ботаҷриба он ҷо ба кор ҷалб гардидаанд.

Ба Роҳбари давлат иттилоъ доданд, ки дар Маркази рақамикунонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ толори махсус ва муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти замонавӣ муҳайё карда шудааст ва бо истифода аз он мутахассисони ботаҷриба ва сармутахассисони соҳавии вазорат зимни баргузории амалиётҳои гуногуни ҷарроҳӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба табибони минтақаҳои гуногуни кишвар тавсия ва машваратҳои маҷозӣ (онлайнӣ) медиҳанд.

Зимни шиносоӣ бо иншооти мазкур ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар бинои маъмурӣ ошхона бо 200 ҷой, маҷлисгоҳ барои 400 нафар, толори варзиш, китобхона, бойгонии вазорат, толорҳои барҳавою замонавии баргузории мулоқоту вохӯриҳо, чорабиниҳои соҳавӣ ва дигар макони маишию фароғатӣ барои кормандон мавҷуд мебошанд.

Бинои нави Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, дар корҳои сохтмонии он маҳсулоти баландсифати ватанӣ истифода шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО АБДУЛҲАМИД АЛХАЛИФА

**20-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» директори генералии Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ доктор Абдулҳамид Алхалифаро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар рафти мулоқот вазъи феълии ҳамкорӣ ва дурнамои тавсеаи он миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳамкориҳои судманди кишвар бо Хазинаи ОПЕК густариш ёфта, ба таъмини рушди устувори мамлакат нигаронида шудаанд. Ҷонибҳо зимни мулоқот ҳамкориҳоро дар самти татбиқи тарҳҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, нақлиёт ва энергетика муҳокима карданд.

Таъкид гардид, ки афзоиши истеҳсоли «неруи сабз» барои пешбурди «иқтисоди сабз» дар Тоҷикистон заминаи мусоид мебошад ва ҷиҳати рушди ҳамкориҳо дар ин самт имкониятҳои фаровон мавҷуд аст.

Зиёд намудани ҳаҷми маблағҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои муҳими инфрасохтории кишвари мо, аз ҷумла дар соҳаҳои зикргардида, зарур шуморида шуд. Изҳори итминон карда шуд, ки дар доираи ҳамкориҳои судманд ҷиҳати рушду тавсеаи муносибатҳо аз дигар имкониятҳои мавҷуда истифода карда мешавад.

**www.prezident.tj**



## НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ

**19-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин номаи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Муҳтарам ҷаноби Раис!**

Хабари ба ҳалокат расидан ва осеб дидани теъдоди зиёди одамон, ҳамзамон зарар дидани бино ва иншооти сершумор бар асари заминларзаи шадид дар музофотҳои Гансу ва Тсинхаи Ҷумҳурии Мардумии Чин боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар иртибот ба ин мусибати гарон ба Шумо ва наздикону пайвандони фавтидагон ҳамдардӣ ва тасаллияти самимии инҷонибро иброз менамоям. Ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳам».

**www.prezident.tj**

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАЕ, КИ СОХТМОН ВА МУҶАҲҲАЗГАРДОНИИ МАКТАБҲОРО АМАЛӢ МЕНАМОЯД



**Бисту дуюми декабри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 52 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, муовини якуми вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода, муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмад Меликзода, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ҳафт масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд**

**2. Дар бораи Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа**

**3. Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ**

**4. Дар бораи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм**

**5. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2024».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Дар бораи Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд бо мақсади анҷоми расмиёти дохилидавлатӣ ва эътибори расмӣ пайдо намудан ба баррасии шумо пешниҳод гардида, он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми октябри соли 2023 таҳти №637 маъқул дониста, 20 - уми октябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шудааст.



Дар доираи созишномаи мазкур 75 миллион риёли саудӣ (баробар ба 20 миллион доллари амрикоӣ) аз ҳисоби маблағҳои қарзии Фонди саудии рушд, бо шартҳои имтиёзии баланд, яъне ба муддати 25 сол, 5 соли давраи имтиёзӣ ва бо меъёри 1,5 фоизи солонаи хизматрасонӣ, ҷалб карда мешавад. Шартҳои ҷалби маблағи мазкур ба талаботи «Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқат менамояд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бистуми декабри соли 2023 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Дар бораи Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди Саудии Рушд» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи он аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# НОМАҲОИ ШОДБОШӢ



**19-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср муҳтарам Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Шуморо бо пирӯзии баҳснопазиратон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср сидқан табрику муборакбод менамоям. Лутфан, таманниёти самимии инҷонибро ба ин муносибат бипазиред.

Натиҷаҳои ин интихобот боз як далели эътимоди баланди ҷомеа ба фаъолияти давлатии Шумо, обрӯю эътибори муътабари сиёсиатон буда, намунаи барҷастаи дастгирӣ ёфтани сиёсати давлатиатон аз ҷониби мардуми Миср мебошад, ки ба рушди бемайлони кишвар ва таҳкими мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ нигаронида шудааст. Бовар дорам, ки тайи давраи пешомад Шумо дар роҳи идораи муваффақи Миср ба мо дӯст ба дастовардҳои навин ноил хоҳед гардид.

Густариши ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Миср рукни муҳими сиёсати хориҷии давлати моро ташкил медиҳад. Итминон дорам, ки мо бо амалҳои муштараки пайваста ҳамкориҳои созандаи Тоҷикистон ва Мисрро дар оянда низ босамар пеш бурда, онро мутобиқ бо манфиатҳои аслии мардумонамон бо мазмуну муҳтавои нав ғанӣ хоҳем гардонид.

Омодагии инҷонибро ҷиҳати талошҳои минбаъда дар ин ҷода таъкид намуда, аз Шумо, ҷаноби Президент, барои анҷом додани боздид аз Тоҷикистон дар фурсати бароятон муносиб муҷаддадан даъват ба амал меорам.

Бо камоли самимият ба Шумо сиҳатмандии бардавом ва дар фаъолияти сермасъули давлатиатон комёбиҳои нави бузург, ба мардуми бародари Миср сулҳу некуаҳволӣ ва шукуфоии пойдор орзу менамоям».



**20-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Амири Давлати Кувайт Шайх Мишъал ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Аълоҳазрат!**

Бо камоли сарфарозӣ Шуморо ба муносибати интихоб гардиданатон ба ҳайси Амири Давлати Кувайт табрику муборакбод менамоям. Итминон дорам, ки таҷрибаи ғанӣ ва малакаи баланди касбии Шумо барои пешрафту шукуфоии Давлати Кувайти дӯст ва таҳкими ҷойгоҳи он дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон густаришу тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо Давлати Кувайт муҳим медонад ва онро ба ҳайси яке аз шарикони боэътимоди худ дар минтақаи Ховари Миёна ва арсаи байналмилалӣ эътироф мекунад.

Мо аз сатҳи имрӯзаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаамон бо кишвари Шумо изҳори қаноатмандӣ менамоем ва ба дурнамои он дар бахшҳои мухталифи мавриди таваҷҷуҳи тарафайн назари некбинона дорем.

Дар ин зимн, рағбати содиқонаи худро ба ҳамоҳангию ҳамкорӣ бо Шумо ҷиҳати пешбурди самарабахши равобити ҳасанаи кишварҳоямон изҳор менамоям.

Ба Шумо, Аълоҳазрат, саломатии комилу дар иҷрои муваффақи рисолати сермасъулатон комёбиҳо ва ба мардуми ба мо бародари Кувайт сулҳу амонӣ ва пешрафту шукуфоӣ орзумандам».

# ИФТИТОҲИ ДУ ИНШООТ ВА ШИНОСОӢ БО НАҚШАИ СОХТМОНИ БИНОИ СЕ ВАЗОРАТ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Фармоишгари бунёди иншоот Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он тибқи лоиҳаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «ПИЛҶ САНИИОСП» бунёд гардидааст.

Пудратчиёни асосии бунёди иншоот ширкатҳои ватании сохтмонии ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Фаввора», «Самар СН» ва «Инкишоф Сохтмон» мебошанд.

Дар ҷараёни корҳои сохтмонии иншооти мазкур аз 450 то 650 нафар шаҳрвандони мамлакат бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шудаанд.



Ифтитоҳи бинои хуштарҳу замонавии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туҳфаи арзандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар арзёбӣ намуданд.

Сарвари давлат аз коргарону масъулони ин бахши пешрафтаи ҷомеа даъват ба амал оварданд, ки бо истифода аз шароиту имкониятҳои муҳайёгардида тамоми кӯшиш ва талоши хешро баҳри таъмини солимии аҳолӣ равона созанд.

Дар навбати худ кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии мамлакат барои ғамхорӣ ва дастгириҳои пайваста ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос намуданд.

**22-юми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо нақшаи биноҳои нави Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав шинос шуданд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойи бунёди биноҳои Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг ва Вазорати саноат ва технологияҳои навро муайян ва ба сохторҳои дахлдор супориш доданд, ки тавассути такмил додани лоиҳа тамоми шароит барои кору фаъолияти кормандони соҳаҳои илму маориф, фарҳанг ва саноат фароҳам оварда шавад.

Бинои нави Вазорати маориф ва илм, бо назардошти фароҳамсозии шароити хуби кору фаъолият барои зерсохторҳои вазорат сохта шуда, имкон медиҳад, ки кормандон дар як ҷой муттаҳид ва пешбурди фаъолият мутобиқ ба талаботи замони муосир таъмин карда шавад.

Бинои нави Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе мутобиқ ба талаботи муосири шаҳрсозӣ бо санъати баланди меъморӣ сохта шуда, дорои ҳуҷраҳо барои фаъолият ва толорҳои барҳаво барои гузаронидани чорабиниҳо мебошад.

Баъди бунёди бинои нави Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам мешавад, ки кормандон аз шароити замонавӣ барои фаъолият, аз ҷумла ҳуҷраҳои мувофиқ барои кор, толорҳои барҳаво барои гузаронидани чорабиниҳои гуногун, баҳравар шаванд. Пас аз мавриди истифода қарор гирифтани иншооти замонавӣ соҳибкорону сармоягузорон аз имконияти мусоиду сатҳи баланди хизматрасонӣ баҳравар мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини соҳа супориш доданд, ки сохтмони биноҳои нави вазоратҳоро бо назардошти сохти баланди меъмории замонавӣ, босифат ва мусоид барои кору фаъолият ба анҷом расонанд.

Айни замон дар шаҳри Душанбе сохтмони бинои нави Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд, ки соли 2024 ба истифода дода мешаванд.

Ҳоло дар асоси нақшаи генералӣ мутобиқ ба талаботи муосири шаҳрсозӣ бунёди иншооти гуногуни маишию хизматӣ дар шаҳри Душанбе ҷараён дорад, ки аз рушди босуръати маркази Тоҷикистони соҳибистиқлол шаҳодат дода, ба пешрафти дучанди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ заминагузорӣ карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо дар самти татбиқи нақшаҳои Ҳукумати мамлакат, таҳкими созандагиҳо ва фароҳам овардани шароити замонавии зиндагӣ барои сокинону меҳмонони пойтахт намунавӣ арзёбӣ намуда, роҳбарияти шаҳри Душанберо барои ҳамин гуна таъмин кардани раванди бунёдкориҳо, беҳтар намудани шароит ҷиҳати кору хизматрасонӣ ва омодагии комил ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карданд.

**22-юми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Раҳимии ноҳияи Синои пойтахт бинои зебову замонавии Маркази хизматрасонии «Дунёи ош»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Маркази хизматрасонии «Дунёи ош» аз таҳхона ва се ошёна иборат буда, дар асоси дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Умарҷон Алимадов ба истиқболи ҷашни бузургу муқаддаси миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи санъати хоси меъмории миллӣ бунёд ёфтааст. Иншоот аз ҷиҳати тарҳ, имконоти хизматрасонӣ ва ороиши анъанаи фарҳанги қадимаи миллӣ дар Осиёи Миёна беназир мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ нахуст аз раванди омода намудани ин навъи таоми миллӣ, ки аз сӯи таббохони моҳири марказ дар 16 деги гуногунҳаҷм ва деги дутоннагӣ дам андохта шуда буд, дидан карданд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки ош яке аз хӯрокҳои болаззати миллии тоҷикон маҳсуб ёфта, соли 2016 дар ҷаласаи 11-уми байнидавлатии ЮНЕСКО оид ба ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ ба қатори беҳтарин намунаҳои фарҳанги ғайримоддии ҷаҳонӣ шомил гардидааст. Марказ дорои ду ошхона ва се толор, аз ҷумла толори ош, тарабхонаи миллии оилавӣ ва толори баргузории маҳфилу чорабиниҳои гуногун буда, бо тамоми дастгоҳу таҷҳизот ва дигар шароити муосири хизматрасонӣ, аз ҷумла мониторҳои намоишӣ, таъмин мебошанд. Дар марказ, ҳамчунин, ду толори хурд ҳар яке бо 144 ҷойи нишаст мавҷуд аст.

Толори ош дар ошёнаи якуми бино ҷойгир буда, дорои 550 ҷойи нишаст мебошад. Дар ин макон асосан барои мизоҷону меҳмонон навъҳои гуногуни оши палав пешниҳод мегардад.

Дар ин толор қандилҳои хурду бузург бо рангҳои гуногун, зиёда аз 200 чароғи равшанидиҳанда, монитор барои пахши мустақим ва намоиши барномаҳо насб гардидааст, ки барои дар сатҳи баланд баргузор гардидани ҳар гуна ҷамъомаду чорабиниҳо мусоидат мекунад. Дар маҷмӯъ, дар Маркази хизматрасонии «Дунёи ош» дар як вақт ба 1060 нафар хизматрасонӣ карда мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароит ва имконоти фароҳамгардида кормандону дигар масъулонро ба муомилаи хуб бо мизоҷону меҳмонон, муаррифии санъати баланди меҳмоннавозии тоҷикона, фарҳанги дастархоноройӣ, ба роҳ мондани хизматрасониҳо дар асоси талаботи байналмилалӣ ва арҷгузорӣ ба мероси фарҳанги пурғановати миллати тоҷик роҳнамоӣ карданд.

Ёдовар мешавем, ки корҳои сохтмонӣ дар иншооти беназири хизматрасонӣ дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе аз рӯи лоиҳаи Корхонаи фаръии Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» соли 2021 оғоз гардида, бо ҷалби мутахассисони ватанӣ бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида шудаанд. Бо ифтитоҳи ин марказ 200 нафар, аз ҷумла 90 ҷавон ба ҳайси пешхизмат дар ду баст бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд.

Бинои иншооти хизматрасонӣ бо нуқтаи алоҳидаи гармидиҳӣ таъмин буда, дар он лифт низ насб карда шудааст. Дар атрофи бино таваққуфгоҳ дар масоҳати 3500 метри мураббаъ барои 150 воситаи нақлиёт сохта шуда, роҳравҳои атрофи он сафолакпӯш гардида, гулу ниҳолҳои ороишии шинонидашуда ба гаштугузор ва истироҳати сокинону меҳмонон таровату роҳат зам намуда, шабона равшаннамоии марказ ба ин гӯшаи шаҳри Душанбе зебоии хоса мебахшад.



Тарабхонаи миллии оилавӣ дар қабати дуюми марказ ҷойгир буда, он дорои 290 ҷойи нишаст аст. Ҳамчунин, дар ин толор чор ҳуҷраи алоҳида барои мизоҷону меҳмонон ташкил гардидааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин толор бо намояндагони корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон, ки аз аввалин меҳмонони «Дунёи ош» буданд, суҳбат намуда, аз маҳбубият ва лаззати беназири таомҳои миллӣ ёдовар шуданд. Таъкид гардид, ки хӯрокҳои миллии тоҷикӣ дар ҷаҳон маъруф буда, санъати таббохии тоҷик тайи садсолаҳо зери таъсири таърихи ғанӣ ташаккул ёфтааст.

Толори маҳфилу чорабиниҳои марказ, ки бо санъати хос оро ёфтааст, дорои 220 ҷойи нишаст буда, бо нақшу нигори миллӣ ва насби мониторҳои калонҳаҷм бо ҳашамати беназираш барои ҳар як бинанда диққатҷалбкунанда мебошад.

Бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтани чунин як маркази беназири хизматрасонӣ дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе барои муаррифии бештари таомҳои миллӣ, тарғибу ташвиқи ҳунари ошпазӣ, фарҳанги меҳмоннавозии хоси тоҷикона, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо имконот ва шароити замонавии хизматрасонӣ дар «Дунёи ош» ба иқдоми соҳибкори ватанӣ Умарҷон Алимадов барои дастгирӣ аз сиёсати созандаю бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина фароҳамсозии ҷойҳои нави корӣ барои сокинон изҳори миннатдорӣ намуданд ва ба масъулон ҷиҳати таъсиси чунин марказҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар дастуру маслиҳатҳо доданд.

**www.prezident.tj**

Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Ҳаждаҳуми декабри соли 2023 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Дилшод Раҳмон ҷаласаи кумита баргузор гардид.**

Дар ҷаласа 13 масъала, аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи ҳифзи пиряххо» ва дигар масъалаҳо, баррасӣ гардиданд.

Инчунин, дар ҷаласа фаъолияти Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният дар соли 2023 ва тасдиқи нақшаи кори он барои соли 2024 мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар охир хулосаҳои кумита қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.



**Ҳаждаҳуми декабри соли равон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Фарҳод Раҳимӣ ҷаласа баргузор шуд.**

Аъзои кумита Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, баъди қабули хулосаҳо онро барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карданд.



**Нуздаҳуми декабри соли ҷорӣ таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Шарифҷон Ҷумъазода ҷаласа баргузор шуд.**

Аъзои кумита се масъала - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар охир хулосаҳои кумита қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.



**Бистуми декабри соли равон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Давлаталӣ Саид ҷаласа баргузор шуд.**

Аъзои кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар охир хулосаҳои кумита қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



**19-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ баргузор гашт, ки дар кори он ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ширкат варзиданд.**

# ИШТИРОКИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ АП СААД

Дар рафти ҷаласа, ки таҳти раёсати Раиси Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Вячеслав Володин баргузор гардид, раисони парлумонҳои кишварҳои аъзои СААД доираи масъалаҳои мубрами амнияти байналмилалӣ ва минтақавиро баррасӣ намуда, доир ба масъалаҳое, ки дар рӯзномаи СААД марҳилаи муосир матраҳ гаштаанд, мубодилаи афкор намуданд.

Дар ҷаласа Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки, баргузории ҷаласаи имрӯза далели равшани ҳамкориҳои байни давлатҳои аъзои СААД мебошад, ки гояи асосии он муттаҳидӣ ва якдилии ҳамаи давлатҳои аъзои СААД аст.

Маҳмадтоир Зокирзода Ҷумҳурии Беларусро ба муносибати раёсати бомуваффақияташ дар соли ҷорӣ ва Ҷумҳурии Қазоқистонро бо қабули раёсати Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар соли оянда (2024) табрик намуда, изҳор дошт, ки Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи Ассамблеяи парламентии СААД аҳамияти хоса медиҳад.

- Имрӯз мо метавонем сатҳи баланди ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои аъзои Ассамблеяи парламентии СААД бо қаноатмандӣ иброз намоем,- изҳор намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Боиси таъкид аст, ки зимни суханронииашон, дар иҷлосияи навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии СААД дар шаҳри Минск Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз қарорҳои қабулшуда ҷиҳати беҳтар намудани вокуниш ба бӯҳрони СААД тавассути ворид намудани тағйироти сарихатӣ ба ҳуҷҷатҳо оид ба тартиби вокуниш ба бӯҳрон ҷонибдорӣ намуданд.

- Терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва ҷиноятҳои фаромарзӣ ба кишварҳои мо таҳдидҳои ҷиддӣ доранд. Мамлакати мо ин ҳодисаҳоро бо тамоми шаклу зуҳуроташ қатъиян маҳкум мекунад. Дар ин замина мо, ҳамчунин муҳимияти таҳкими амнияти марзҳои ҷанубии СААД, бахусус бо ҳадафи мубориза бо ҳаракати гурӯҳҳои террористӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллиро иброз медорем. Ин ҳадафҳо баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои ҳарбӣ, ҳарбию иқтисодӣ ва ҳарбию техникиро тақозо мекунад.

Дар баробари ин мо ба зарурати андешидани чораҳои қатъӣ барои тавсеаи фаъолияти байналмилалии СААД таъкид менамоем. Илова бар ин, ба назари мо, бояд низоми муассир ҳамоҳангсозии фаъолияти мо, ки дар доҳили СААД ташаккул ёфтааст, тақвият дода шавад. Боварӣ дорам, ки қарорҳое, ки имрӯз қабул мешаванд, ба баланд шудани самараи фаъолияти умумии мо хизмат мекунанд,- гуфт дар интиҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАЕ, КИ СОХТМОН ВА МУҶАҲҲАЗГАРДОНИИ МАКТАБҲОРО АМАЛӢ МЕНАМОЯД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ҳадаф аз татбиқи лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳои миёна, беҳтар намудани муҳити таълим, таҳкими низоми таҳсилоти фарогир мебошад. Лоиҳаи зикршуда аз 3 қисм иборат буда, дар қисми аввал сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии 19 мактаб, инчунин сохтмони 2 бинои маъмурии соҳаи маориф дар 18 шаҳру ноҳияи вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад.

Дар қисматҳои боқимондаи лоиҳа маблағгузории хизматрасониҳои мушовирӣ вобаста ба назорати татбиқи лоиҳа, инчунин нигоҳдории Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо» пешбинӣ шудааст. Татбиқи лоиҳаи мазкур соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Насиба СОДИҚӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд 20 - уми октябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, мутобиқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишномаи мазкур ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи созишномаи мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Эмомалӣ СОБИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа» дар асоси моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумо пешниҳод гардида, он дар доираи сафари давлатии Амири Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8-уми июни соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст.

Тибқи меъёрҳои созишнома, ҳамкориҳои ҳарбӣ дар самтҳои гуногун, аз ҷумла сиёсати амният ва мудофиа, идоракунии ҳамарӯзаи қувваҳои мусаллаҳ, таълими ибтидоӣ ва омода кардани хизматчиёни ҳарбӣ, ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ва таъмиру баркарорсозии таҷҳизот, назорати аслиҳа, маҳалнигории ҳарбӣ, ҷалби қувваҳои мусаллаҳ дар чорабиниҳо вобаста ба расонидани кумакҳои тиббӣ ва башардӯстона, инчунин дар дигар самтҳо бо мувофиқаи тарафҳо ба роҳ монда мешаванд.

Дар доираи татбиқи созишномаи мазкур тарафҳо сафарҳои расмӣ ва мулоқотҳои корӣ, чорабиниҳои омӯзишӣ ва илмӣ, мубодилаи иттилоот ва таҷриба, дигар чорабиниҳои қобили таваҷҷуҳро баргузор менамоянд.

Ҳифзи иттилоот ва маълумоти дар доираи ҳамкориҳо бадастомада танзим шуда, тарафҳо аз ифшо кардани он ва истифода бар зидди манфиатҳои ҳамдигар худдорӣ менамоянд.

Ҳар як тараф хароҷотро вобаста ба амалигардонии созишнома мустақилона пардохт намуда, зимни расонидани хизматрасониҳои зарурӣ тибқи дархости тарафҳо, он аз ҳисоби тарафи таъминкунанда ҷуброн мешавад. Чунин меъёр имкон медиҳад, ки дар ҳолати зарурӣ тарафҳо дар шакли пешниҳоди кумакҳои ҳарбӣ-техникӣ ҳамкорӣ намоянд.



Дар шароити афзоиш ёфтани таҳдиду хатарҳои муосир ва шиддат гирифтани зуҳуроти терроризми байналмилалӣ ва ифротгароӣ тасдиқи созишномаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад. Хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Фазлиддин Икромӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Фазлиддин ИКРОМӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа 8 – уми июни соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Созишномаи мазкур аз дебоча ва 8 модда иборат буда, бо назардошти муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ, таҳким ва беҳтар намудани муносибатҳои дуҷониба байни тарафҳо тавассути ҳамкориҳои ҳарбӣ ва рушди ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа, ба имзо расидааст.

Созишномаи мазкур ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмад Меликзода дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмад МЕЛИКЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ бо мақсади фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии ҳамкорӣ байни мақомоти салоҳиятдори тарафҳо барои пешгирии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои халалдор сохтани амният, тамомияти арзии давлатҳо, таъсири харобиовар ба объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ, таблиғи терроризму экстремизм, содир кардани ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, барангехтани адоват байни миллатҳо ва дигар ҷиноятҳои хавфнок ба имзо расонида шуд. Санади мазкур ҳамкории мақомоти салоҳиятдори тарафҳоро дар самти ҳамоҳангсозии муқовимат ба таҳдидҳо дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ, пешгирӣ, ошкор ва рафъи ҳодисаҳои компютерӣ, тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бо мақсадҳои террористӣ, коркарду роҳандозии чораҳои зарурии муштараки мусоидаткунанда ба таъмини амнияти иттилоотӣ, мубодилаи маълумот оид ба қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии давлатҳои тарафҳо дар ҳамин соҳа, тайёр намудани мутахассисон, табодули таҷриба ва кумак ба тарафҳо, ташкили воҳӯриҳои корӣ, семинару конфронс ва дигар чорабиниҳо дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ ба танзим медарорад.



Пешрафти технологияҳои иттилоотии муосир дар баробари ҷанбаҳои мусбат омилҳои манфиро дар самти халалдор сохтани амнияти иттилоотии давлатҳо ба миён овардааст. Тибқи таҳлил ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта, аксар ҷавонони кишвар, ки ба созмону ҷараёнҳои номатлуби ифротӣ шомил шудаанд, асосан тавассути шабакаи Интернет ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ҷалб гардидаанд. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо назардошти афзоиш ёфтани ҷиноятҳо ва таҳдиду хатарҳои муосир ба амнияти миллӣ дар шабакаи Интернет, тарғибу ташвиқи ғояҳои террористию ифротӣ, мағзшӯӣ ва ҷалби ҷавонон ба созмону гурӯҳҳои террористӣ, маблағгузории терроризм ва дигар ҷиноятҳои хусусияти террористидошта, муомилоти маводи мухаддир ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, барои андешидани чораҳои муштарак тасдиқи созишномаи зикргардидаро мувофиқи мақсад меҳисобад. Аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Ҳуснигул Одиназода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳуснигул ОДИНАЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ 19 -уми июни соли 2023 дар шаҳри Москва ба имзо расида, тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишномаи мазкур аз дебоча ва 10 модда иборат буда, бо мақсади ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкили ҳамкории тарафҳо дар соҳаи амнияти иттилоотии байналмилалӣ дар асоси эҳтироми мутақобила ба истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, ки ба расонидани зарар ба манфиати тарафи сеюм нигаронида нашудааст, дар доираи Қатъномаи Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид таҳти №73/27 аз 5 – уми декабри соли 2018 ба имзо расидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 13-уми декабри соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалиро тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор НАЗИРӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» 16 - уми июни соли 2011 ба имзо расида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 – уми январи соли 2012 тасдиқ гардидааст ва он мақоми Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризмро ҳамчун ташкилоти байниҳукуматие, ки иштироки давлатҳои аъзо дар фаъолияти он ба принсипҳои баробарӣ асос ёфтааст, муқаррар менамояд.

АвруОсиё яке аз гурӯҳҳои минтақавӣ, ба монанди Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ), буда, вазифаи асосии он таъмин намудани ҳамкории давлатҳои аъзо дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва расонидани ёрии техникӣ ба кишварҳои минтақа барои дар амал татбиқ намудани тавсияҳои ФАТФ ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муассисони ин гурӯҳ ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали таъсисёбии гурӯҳи мазкур дар фаъолияти он саҳми назаррас гузошта истодааст.

Мутобиқи моддаи 9 Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи АвруОсиё қисми ҷудонашавандаи созишнома ба ҳисоб рафта, он масъалаҳои молиявии гурӯҳро, аз ҷумла тартиби ташаккул додани буҷети гурӯҳ, тартиби муайян кардани ҳаққи узвият дар гурӯҳ ва пардохти он, тартиби назорати амалишавии буҷет ва дигар масъалаҳои молиявиро танзим менамояд. Илова бар ин, мутобиқи моддаи 13 созишнома тағйироту иловаҳо ба созишномаи мазкур дар шакли протоколи алоҳида ба расмият даровarda шуда, тибқи тартиби пешбининамудаи моддаи 12-уми созишнома ба амал медарояд. Дар ин раванд, бо мақсади рушду тақвияти фаъолияти минбаъдаи Гурӯҳи АвруОсиё, инчунин васеъ намудани доираи имконоти он барои иҷрои мақсаду вазифаҳои дар созишнома зикршуда, лоиҳаи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи АвруОсиё таҳия гардид, ки аз ҷониби кишварҳои аъзо якуми июни соли 2022 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҷаласаи 36-уми пленарии Гурӯҳи АвруОсиё ба имзо расид. Тағйироти асосиеро, ки дар протоколи мазкур пешбинӣ шудааст, ба таври мухтасар метавон чунин тавсиф намуд:

- мушаххас гардидани мақсаду вазифаҳои Гурӯҳи АвруОсиё барои васеъ кардани ваколати он доир ба масъалаҳои муқовимат ба паҳнкунии силоҳи қатли ом;

- бознигарии мафҳуму истилоҳоти дар созишнома истифодашаванда барои мутобиқ намудани онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт, хусусан тавсияҳои ФАТФ;

- ба танзим даровардани фаъолияти гурӯҳҳои кории иловагии таъсисшаванда.

Тағйиру иловаҳо ба Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети он воридшаванда бо назардошти тавсияҳои ФАТФ ва дигар стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт, талаботи муосир ва воқеияти имрӯза таҳия гардида, қабули он барои тақвият бахшидани фаъолияти минбаъдаи Гурӯҳи АвруОсиё дар амалӣ кардани мақсаду вазифаҳояш ва бо ин васила, рушди ҳамкорӣ байни давлатҳои аъзои он мусоидат хоҳад намуд. Дар ин раванд, мутобиқи моддаи 12- уми созишнома барои эътибор пайдо кардани протоколи мазкур гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ пешбинӣ шудааст. Қабул ва татбиқи протоколи мазкур маблағи иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб наменамояд. Аз шумо - вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки протоколи мазкурро тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Толибхон Азимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи АвруОсиё, оид ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, ки якуми июни соли 2022 дар шаҳри Тошканд ба имзо расидааст, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Ба мисли дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ мақсади асосии таҳия ва пешниҳоди он ин гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ, яъне тасдиқи он аз ҷониби Маҷлиси намояндагон мебошад. Мақсади дигар тақвияти фаъолияти минбаъдаи Гурӯҳи АвруОсиё, васеъ намудани доираи имкониятҳои гурӯҳ барои иҷрои мақсаду вазифаҳои дар созишнома зикргашта мебошад. Бо ин тағйирот барои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои мутақобил дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бештар таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ намуданд. Протоколи мазкур ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 12 ва 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгӯ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи протоколи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Ҷамшед Муртазозода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Мувофиқи талаботи банди 120 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон соле як маротиба дар бораи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон барои соли гузариш дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон ҳисобот медиҳад. Дар мувофиқа бо принсипи мазкур, шунидани ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон салоҳияти Маҷлиси намояндагон мебошад.



Устувории фаъолияти самараноки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тақсимоти дуруст ва истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ вобаста буда, дар ин самт Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон корро босифат ва масъулияти баланд ба роҳ мондааст.

Ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон барои соли 2023 дар ҷаласаи якҷояи Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор ва Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия баррасӣ гардида, барои ба маълумот гирифтан ба ҷаласаи Маҷлиси намояндагон манзур мешавад.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули қарори дахлдор дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» шурӯъ мекунем. Сухан ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Ҷамшед Муртазозода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади фароҳам овардани шароити хуби корӣ ва таъмини музди меҳнати арзанда ба вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон аз истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ дар Маҷлиси намояндагон вобастагии калон дошта, ҳалли масъалаи мазкур салоҳияти мақоми олӣ ё мақоми болоии воҳиди ҳуқуқӣ мебошад. Лоиҳаи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон барои соли 2024, ки аз ҷониби роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бе ягон тағйирот дар сохтор ва басти вазифаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 пешниҳод карда шуда, мутобиқи санадҳои мазкур мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ - 63 нафар, мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ - 1 нафар ва мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ - 117 нафар ва мансабҳои хизматчиёни гражданӣ (ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ) - 162 нафар, дар маҷмӯъ 343 нафарро дар бар мегирад.

Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор ва Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия лоиҳаи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон барои соли 2024-ро дар ҷаласаи якҷоя баррасӣ намуда, лоиҳаи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон барои соли 2024-ро, ки дар замимаҳои алоҳида нишон дода шудаанд, маъқул шуморида, барои қабули қарори дахлдор ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намуд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули қарор дар бораи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2024» оғоз менамоем.

Сухан ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Ҷамшед Муртазозода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА:**

- **Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум»-ро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассиса ташкил медиҳад.

Мувофиқи талаботи банди 33 Оинномаи Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум», Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти редаксияи рӯзномаро барои соли навбатии молиявӣ, аз ҷумла соли 2024, бо қабули қарори дахлдор тасдиқ менамояд. Оинномаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолият ва муносибати рӯзномаро бо мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муайян кардааст.

Маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ манбаи маблағгузории фаъолияти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум»-ро ташкил дода, муносибатҳои он дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ба танзим даровarda шудаанд. Лоиҳаи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2024 дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия гардида, ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули қарор «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2024» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2024» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10-уми январи соли 2024 музоядаи № 1-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ГАЗ – 3110 | 015/001 | 2003 | Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» | 6400 |
| 2 | ГАЗ – 3102 | 000329 | 2005 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова» | 6400 |
| 3 | Нива Шевролет | 15-14 В 01 | 2001 | Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Душанбе | 9600 |
| 4 | ВАЗ – 21214 «Нива» | 386 ZB 02 | 2011 | Муассисаи давлатии «Маркази иммунопрофилактикаи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ» | 12800 |
| 5 | ГАЗ – 3102 | 88-03 А 01 РТ | 2001 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5120 |
| 6 | Донг – Фенг | Бе рақам | 2012 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Кӯшониён | 38400 |
| 7 | ГАЗ – 3102 | 394 ХЕ 01 | 2005 | КВД ҷумҳуриявии «Моҳии Тоҷик» | 6400 |
| 8 | KIA Sportage | 66-38 А 03 | 1995 | Корхонаи фаръии байниноҳиявии «Бохтаргаз» | 6400 |
| 9 | ВАЗ – 2107 | 09-62 Е 01 РТ | 2204 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5120 |
| 10 | ВАЗ – 2107 | 05-55 В 01 РТ | 2004 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5120 |
| 11 | ВАЗ – 2107 | 965 ХК 01 | 2006 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6400 |
| 12 | Девори симтӯрӣ (130 адад 2,5х1,7) | б/р | 1990 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 20000 |
| 13 | Дарвозаи оҳанин | б/р | 1990 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 4480 |
| 14 | Панҷараи оҳанин (4 адад) | б/р | 1990 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 5120 |
| 15 | Мотороллер ТГ-200 | 02-12 ЛБЕ | 1974 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 1000 |
| 16 | Ауди - 6 | 060 ZK 02 | 1999 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд» | 12800 |
| 17 | Опел - Вектра | 552 ZV 01 | 1995 | Муассисаи давлатии «Таъмир ва нигоҳдории пойгоҳҳои обкашӣ» | 9000 |
| 18 | ВАЗ - Нива | 10-07 А 04 | 1999 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4700 |
| 19 | Тойота - Ленд Крузер | 873 ZA 01 | 1997 | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 40000 |
| 20 | Нива – Шевролет | 979 ХС 07 | 2009 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Турсунзода | 9400 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон- 21, ошёнаи 2- юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон -21, тел: 221-73-74**.

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон- 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**23-юми январи соли 2024 музоядаи № 33-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд**

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот ($м^2$) | Арзиш бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои мағоза №3 | шаҳри Ҳисор, кӯчаи 60-солагии Ҳисор, маҳаллаи 8 | 0 | 634,2 | 1 792 249 |
| 2 | Мағозаи №2 | ш. Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 161,4 | 380 097 |
| 3 | Хирмани марказии кооперативи тиҷоратии «Ҳайдар Миров» | шаҳри Ҳисор, деҳоти Навобод, деҳаи Ҳамдилон | 0,43 | 700,0 | 1 186 920 |
| 4 | Заводи асфалтбарорӣ бе таҷҳизот | шаҳри Ҳисор, деҳоти Сомон, деҳаи Авғонобод | 2,72 | 634,7 | 2 763 545 |
| 5 | Маркази савдо | шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 2, кӯчаи И. Сомонӣ | 0,02 | 640,6 | 1 648 150 |
| 6 | Фермаи ширӣ- молӣ | ш. Турсунзода, хоҷагии Наврӯз, деҳаи Навосой | 2,8 | 6797,6 | 2 775 821 |
| 7 | Хонаи истиқоматӣ | ш. Вахдат, кӯчаи Салимзода, хонаи 67 | 0,07 | 644,6 | 1 017 127 |
| 8 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Варзоб | ноҳияи Варзоб, деҳаи Варзоб, кӯчаи Ленин 5 | 0,02 | 246,6 | 2 082 377 |
| 9 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Сомониён (ноҳияи Рӯдакӣ) | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Турдиев 17 | 0,10 | 536,1 | 2 243 759 |
| 10 | Мағозаи №1 | шаҳри Ҳисор, маҳаллаи 8 (ҶДММ «Евростандарт») | 0 | 434,4 | 920 711 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон- 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**23-юми январи соли 2024 музоядаи №1-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул барпо менамояд**

- Минтақаи истироҳатии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ноҳияи Варзоб, деҳоти Варзоб – Қалъа, деҳаи Беғар. Нархи ибтидоӣ - 430 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10-уми январи соли 2024 музоядаи № 1-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Айнакҳои зиддиофтобии истеҳсоли Хитой | адад | 1004 | 1355 |
| 2 | Ноутбуки тамғаи «Acer» (истифодашуда) | адад | 1 | 450 |
| 3 | Принтери тамғаи «Epson» (истифодашуда) | адад | 1 | 165 |
| 4 | Телефонҳои мобилии гуногунтамға (истифодашуда) | адад | 12 | 630 |
| 5 | Магнитофони мошин (комплект) (истифодашуда) | адад | 1 | 165 |
| 6 | Телефонҳои мобилии гуногунтамға (истифодашуда) | адад | 2 | 225 |
| 7 | Телефонҳои мобилии гуногунтамға (истифодашуда) | адад | 12 | 1350 |
| 8 | Шимҳои бачагона | адад | 470 | 10575 |
| 9 | Таҷҳизоти махсуси равшанидиҳӣ (истифодашуда) | адад | 2 | 165 |
| 10 | Ноутбуки тамғаи «Samsung PB-515» (истифодашуда) | адад | 1 | 450 |
| 11 | Планшети тамғаи «Samsung A6» (истифодашуда) | адад | 1 | 278 |
| 12 | Телефони мобилии тамғаи «Honor» (истифодашуда) | адад | 1 | 225 |
| 13 | Собуни мушк | адад | 10 | 5 |
| 14 | Дастгоҳи ришгирӣ (истифодааш якдафъаина) | адад | 3 | 2,25 |
| 15 | Хамираи дандоншӯӣ | адад | 4 | 3 |
| 16 | Шёткаи дандоншӯӣ | адад | 1 | 0,75 |
| 17 | Планшети истифодашуда (таъмирталаб) | адад | 3 | 168 |
| 18 | Симҳои қуввадиҳандаи телефони мобилӣ (истифодашуда) | адад | 70 | 42 |
| 19 | Гӯшмонаки тамғаи 19S - TWS, ih pods 12 | адад | 3 | 108 |
| 20 | Ранги сафед (краска 3 кг) | адад | 20 | 300 |
| 21 | Эмулсия 20 кг | адад | 6 | 252 |
| 22 | Эмулсия 15 кг | адад | 4 | 140 |
| 23 | Маҳлули омехта 1 кг | адад | 15 | 54 |
| 24 | Рӯймоли рангҳояшон гуногун | адад | 500 | 4500 |
| 25 | Шарфҳои тӯрии рангҳояшон гуногун | адад | 208 | 1872 |
| 26 | Рӯймолча | адад | 500 | 2700 |
| 27 | Базаи камераи мушоҳидавӣ (истифодашуда) | адад | 1 | 35 |
| 28 | Тӯби футбол, сипарҳо барои пой (шётки), дастпӯш барои муштзанӣ | адад | 51 | 1020 |
| 29 | Пойафзол (кӯдакона) | ҷуфт | 3 | 90 |
| 30 | Босоножки (кӯдакона) | ҷуфт | 6 | 72 |
| 31 | Чешки (кӯдакона) | ҷуфт | 1 | 8 |
| 32 | Формаи снегурочка (кӯдакона) | адад | 1 | 35 |
| 33 | Майка (кӯдакона) | адад | 1 | 12 |
| 34 | Баллеро (кӯдакона) | адад | 3 | 24 |
| 35 | Курта (кӯдакона) | адад | 1 | 25 |
| 36 | Куртка (кӯдакона) | адад | 1 | 45 |
| 37 | Колготки (кӯдакона) | адад | 1 | 8 |
| 38 | Туники (кӯдакона) | адад | 1 | 16 |
| 39 | Ветровка (кӯдакона) | адад | 1 | 16 |
| 40 | Хоккей (бозича) | адад | 1 | 27 |
| 41 | Наколенки (истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) | адад | 28 | 336 |
| 42 | Қуттиҳои пластмассии вазелин | 90 адад | 29 қуттӣ | 4680 |
| 43 | Хушкбӯйкунандаи тамғаи «Айр Фрешенер» | 253 адад | 28 қуттӣ | 1265 |
| 44 | Зажигалкаи тамғаи ККК | 400 | адад | 480 |
| 45 | Таҷҳизот барои тугмадӯзӣ (баданаш оҳанин) | 5 адад | 9 қуттӣ | 2800 |
| 46 | Ниқобҳои тиббӣ | 96200 | адад | 15392 |
| 47 | Телефонҳои мобилии гуногунтамға (нав) | 353 | адад | 112960 |
| 48 | Чарххои автомашинаи сабукрав (истифодашуда) | 124 | адад | 18600 |
| 49 | Пойпӯши резинии мардона ва занона | 110 | адад | 770 |
| 50 | Рӯймоли занона | 50 | адад | 440 |
| 51 | Тоқии занона | 500 | адад | 3500 |
| 52 | Таҷҳизот барои ҳисобкунии маблағ | 1 | адад | 560 |
| 53 | Дискҳои 160 гб | 60 | адад | 1680 |
| 54 | Дисковод | 11 | адад | 308 |
| 55 | Материнкаи АСУС | 10 | адад | 1680 |
| 56 | Футболкаи ширкати ЕСЕ | 100 | адад | 1680 |
| 57 | Жемпирҳои занона | 20 | адад | 440 |
| 58 | Соати дастӣ (истифодашуда) | 1 | адад | 25 |
| 59 | Ангуштарини (истифодашуда) | 1 | адад | 7 |
| 60 | Гӯшворӣ (бижутерия)-и истифодашуда | 3 | адад | 21 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон -21, ошёнаи 2- юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10-уми январи соли 2024 музоядаи №2-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин тамғаи «Айфон 13 pro» ва «Айфон 14 pro», ки дохили онҳо аз барномаи «Appie Iphone» сохта шудаанд | адад | 23 | 27600 |
| 2 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 5W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 1000 | 2400 |
| 3 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 7W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 100 | 320 |
| 4 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 12W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 700 | 2800 |
| 5 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 18W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 250 | 1600 |
| 6 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 28W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 150 | 1440 |
| 7 | Фурӯзонакҳои каммасрафи 38W, истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин | адад | 120 | 1536 |
| 8 | Ҷӯроби (носки) истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | кг | 130 | 8320 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон -21, ошёнаи 2- юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУНИ КУШОД эълон менамояд:**

**1. Бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои махсуси Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- мудир - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ аз рӯи ихтисосҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқшиносӣ, иқтисодчӣ, психолог, филолог, сотсиолог, омӯзгор, 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ – 1735, 85 сомонӣ.

**2.Бахши минтақавии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ:**

- мутахассис – 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии хариди давлатӣ ё таҳсилоти олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё хизмати давлатӣ), маоши мансабӣ - 845 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон ҳатмист.

Ба бонувону занҳо ва шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд, забонҳои хориҷиро медонанд, инчунин унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

**Довталабон ба комиссияи озмун ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона расми андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои уҳдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳнома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷои зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро тавассути суроғаи электронии info@zakupki.gov.tj ё бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22 пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи телефонҳои 227-66-21, 227-66-79 ё сомонаи www.zakupki.gov.tj дастрас намоянд.

Мӯҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма (то соати 17.00) муқаррар мешавад.

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ

**Республика Таджикистан**

**Проект сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**

**Грант №.: D4310-TJ**

**Наименование задания: Строительство объектов водоснабжения, санитарии и гигиены в школах и медицинских центрах Восейского района (1,2,3-лоты)**

**Номер НКТ: RWSSP-W/018 (1,2,3-лоты)**

1. Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для реализации Проекта сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС) и намерена использовать часть средств на строительство объектов водоснабжения, санитарии и гигиены в школах и медицинских центрах Восейского района № RWSSP-W/018 (1,2,3-лоты).

2. Проект сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС) приглашает к подаче запечатанных конкурсных предложений от правомочных участников торгов по строительству:

строительство объектов водоснабжения, санитарии и гигиены в школах и медицинских центрах Восейского района № RWSSP-W/018 (1,2,3-лоты), период строительства объектов составляет 6 месяцев.

3. Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с Руководством Всемирного банка: Руководство по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в марте 2021 - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15 где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

4. Правомочные участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке при подаче письменной заявки по указанному адресу: **г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 56.**

5. Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением конкурсного предложения в размере:

77 000 сомони -лот-1.

71 000 сомони -лот-2.

76 000 сомони -лот-3.

Выдача тендерных документов и просьбы о разъяснении должны быть получены Заказчиком не позднее, чем 1**0 (десяти) дней** до даты вскрытия тендерных заявок. Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время с **09⁰⁰** до **17⁰⁰** (местное время).

**Центр Управления проектом сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**

**Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Н. Карабаева 56, 4 этаж, Тел.: (992372) 33-88-25; 33-13-30, E-mail: rwssp@midp.tj**

Конкурсные предложения необходимо доставить по указанному ниже адресу в указанное время или ранее **15⁰⁰** по местному времени **18 января 2024 года**. Электронные торги не разрешаются. Опоздавшие конкурсные предложения будут отклонены. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей участников торгов и всех, желающих присутствовать, по адресу, указанному ниже в **15¹⁵** по местному времени **18 января 2024 года.**

**Комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шотемур 27, первый этаж, кабинет 10.**

# ДАРАК ДИҲЕД!

Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Нугманов Мансурхон Муссаевич, санаи таваллудаш 23- юми апрели соли 1972, сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино, бинои 130/2, хонаи 65, пешниҳод менамояд, ки ба Суди ноҳияи Сино ҳозир шавад ё дар бораи ҷои истиқоматаш дарак диҳад.

Аз онҳое, ки дар бораи Нугманов М.М. маълумоте доранд, хоҳишмандем ба Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе хабар диҳанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳрасти 1Ш-857-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Мадад (собиқ Ҷамоати деҳоти Коктош, деҳаи Камарова), хонаи 9, квартираи 8 ба Худайдадова Лола Мамасаидовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №3039-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Сароб 23 октябри соли 2018 ба Муминов Навруз Саиднуридинович (РМА 035763632) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Хоҷаанбиёи боло, хонаи 13 ба Азизов Сафаралӣ Сафоевич (РМА 025159709) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансур 5-уми октябри соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шаумян, бинои 4/1, хонаи 8 ба Фатҳуллоев Муқимҷон (РМА 037017298) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонотӣ ва билети донишҷӯии гумшуда, ки онҳоро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2021 ба Одинаев Комрон (РМА 127239756) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ҳофизи Шерозӣ, бинои 16/4, хонаи 9 ба Ниҳолова Латофат Маҳмадбековна (РМА 715161679) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи мағозаи молҳои ниёзи мардум, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Қаротегин ба Тағоев Маҳмурод (РМА 015078760) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини хоҷагии деҳқонии «Дилшод», ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2006 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Машъал ба Бойбеков Дилшод додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибоси гумшуда аз феҳристи ягонаи соҳибкорони инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Сино ба Ҳаитов Абдусамад Абдуаҳатович (РМА 555334569) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи силсилаи А №04864047, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фархор 29- уми апрели соли 2023 ба Файзов Қобилҷон Илхомович (РМА 206105014) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯӣ, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2021 ба Содиқов Саидаъзам Сафархонович (РМА 196167282) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Роҳи нав, хонаи 5 ба Зебунисои Кенджабой (РМА 215303116) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси гумшуда бо РЯМ № 096297559, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор ба Мирзоев Сироҷиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду манзили истиқоматӣ бо силсилаи ХТ №0241708 тахти феҳрасти №1Ш-349, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 23-юми августи соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, шаҳраки Москва, маҳаллаи Турсунзода ба Атоев Худойназар Латифович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Навбунёд- 2 ба Балаҷонов Маҳмадхуҷа Додарҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз варақаи бақайдгирӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 111/3, хонаи 8 ба Неъматов Шодиҷон Абдуҷабборович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т- ШТУ №0625316, ки онро МТМУ №63-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №116-и ноҳияи Сино) соли 2013 ба Раҳимов Неъматулло Ҳикматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т- ШТА №0595258, ки онро МТМУ №63-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №116-и ноҳияи Сино) соли 2011 ба Раҳимов Неъматулло Ҳикматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи №113135, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Канорӣ, хонаи 39 ба Хайрулло Саидакрами Муродзода (РМА 195264386) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ТСИ №005090-и гумшуда, ки онро Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ соли 2000 ба Эшонқулов Хуршед Темурович (РМА 037671941) додааст, эътибор надорад.

✓ Дубликати гумшудаи шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ тахти рақами қайди 21740, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Обчакорон, хонаи берақам бо Муллобоева Муборак Гиясовна додааст (шиносномаи техникии аслӣ ёфт шудааст), эътибор надорад.

✓ Дубликати гумшудаи шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ тахти феҳристи 1Ш-691, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 21-уми майи соли 2010 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Обчакорон, хонаи берақам ба Муллобоева Муборак Гиясовна додааст (шартномаи хариду фурӯши аслӣ ёфт шудааст), эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Сичиён-сохтмон» (РМА 020033929) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Шарифиён» (РМА 120000981) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Ширкати логистикии Дали» (РМА 040054488), ки 1- уми сентябри соли 2018 дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Ба чопаш 22 декабри соли 2023, соати 18:15 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34460 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.